# Нақши Ғаззолӣ дар фалсафа ва тасаввуф

Г. М. Каримов. Ал-Ғаззолӣ ва тасаввуф, Боку, 1969, ба забони русӣ.

Пеш аз он ки аз хусуси нақши Ғаззолӣ дар фалсафа ва тасаввуф сухан ронем, лозим аст, ки таъсир ва нуфузи дар таърихи тамаддуни исломӣ доштаи ӯро бо он таъсире, ки Фомаи Аквинӣ пас аз як аср (асри XIII) ба фалсафаи Ғарб расонд, муқоиса бикунем, зеро ҳар ду ҳам (яке аз мавқеи ислом ва дигаре мувофиқи талаботи дини масеҳӣ) айнан як вазифаро ба ӯҳда гирифта, онро анҷом доданӣ шудаанд. Мақсади онон ҳимояву пуштибонии тааббуди динӣ, аз фалсафа бадар рондани тамоюлоти материалистӣ ва мазомини илҳодӣ, яъне ба илоҳиёт мутеъ гардондани фалсафа буд.

Ғаззолӣ тамоми муддати фаъолияти илмию амалиаш дар иҷрои ҳамин вазифа кӯшида, ба муқобили фалсафа, хусусан, таълимоти Ибни Сино ва пайравони вай хеле босубот мубориза бурд. Гуфтан мумкин аст, ки зиддияти байни фалсафа ва илоҳиёт маҳз ба туфайли фаъолияти Ғаззолӣ ба таври ниҳоят ошкор ва тезу тунд зоҳир шуда, минбаъд дар шакли мубориза оштинопазири ду равияи ба ҳам муқобил, яъне фалсафа ва илоҳиёт идома ёфт.

Таъсири Ғаззолӣ дар таҳаввули тасаввуф низ кам нест. Маҳз Ғаззолӣ тасаввуфро, ки то замони вай аз тарафи мутакаллимон эътироф нашуда буд, ҳамчун ҷузъи таркибии ислом ба расмият даровард. Бо ин мақсад ӯ таълимоти тасаввуфро такмил дода, он нуктаҳои вайро, ки моҳиятан хилофи Қуръон, шариат ва суннат менамуданд, рад кард. Беэътиноии сӯфиён ба аҳкоми шаръии дин, ба ҷо овардани расму одатҳои маъмули диниро зарур надонистан, таълимот оид ба ваҳдати вуҷуд ва хулул ҳамон ҷиҳатҳои мулҳидона ва интиқодии тасаввуф буданд, ки Ғаззолӣ онҳоро аз тасаввуф бадар ронда, тавассути ин вайро ба исломӣ расмӣ созгор кард. Ӯ принципҳои таълимоти тасаввуфро роҷеъ ба ишқу ирфон, маърифат ва ахлоқ пазируфта, барои ба системаи таълимоти ислом даровардани тасаввуф, ё худ бо ислом оштӣ додани тасаввуфи ирфонӣ зӯҳду факру сабр барин талаботеро, ки дар ин таълимот мақоми муҳим дошта, бо шариат низ ба куллӣ созгоранд, мувофиқи матлаби хеш шарҳ дод.

Муҳаққиқи озарӣ Г. М. Каримов дар китоби худ «Ал-Ғаззолӣ ва тасаввуф» кӯшидааст, ки моҳият ва мақоми таърихии фалсафаи Муҳаммади Ғаззолӣ ва саҳми дар таҳаввули тасаввуф доштаи ӯро беғаразона мувофиқи ҳақиқати таърихӣ баён кунад ва саҳву хатоҳоеро, ки дар масъалаи муайян кардани муносибати мутафаккир ба фалсафаю тасаввуф содир шудаанд, бо далелҳои мӯътамад аз байн барад. Муаллиф масъалаҳои зикршударо дар асоси таҳлили мухтасар, вале пурмазмуни муҳимтарин осори файласуф чун «Эҳёъ ул-улум-аддин», «Мақосид ул-фалоси-

фа», «Таҳофут ул-фалосифа» ва «Ал-Мунқиз мин-аз-зулол» эзоҳ додааст, ки ин қиммати тадқиқоти ӯро бешубҳа меафзояд.

Азбаски нишон додани нақши дар тасаввуф гузоштаи Ғаззолӣ донистани таърихи пайдоиш, тараққӣ ва таҳаввулоти онро иқтизо мекунад. Г. М. Каримов баёни мухтасари таърихи тасаввуф ва шарҳи ислоҳоти онро мувофиқи матлаб донистааст, чунки таҳаввулоти таърихии ин маслакро надониста нақши Ғаззолиро муайян кардан номумкин аст. Муҳаққиқ ақидаҳои тадқиқотчиёни гуногунро дар бобати сарчашмаи пайдоиши тасаввуф шарҳ дода тасдиқ мекунад, ки тасаввуф маҳз дар заминаи таълимоти ислом ба вуҷуд омадааст. Чунончи, яке аз аҳкоми асосии ислом—эътиқод ба охират боиси аз ҳаёти заминӣ ва лаззатҳои дуньявӣ рӯ тофта, зӯҳд будан ва гӯшанишинӣ кардан аст.

Муаллифи тадқиқот маҳз дар дохили ислом ва дар асоси таълимоти он ба вуҷуд омадани тасаввуфро таъкид карда, зимнан ба он таъсир расондани ҷараёнҳои ғоявии ғайриисломиро инкор намекунад. Аммо нуфузи таъсири ҷараёнҳои мухталифи ғайриисломӣ дар тасаввуф якранг набуданд. Ба ақидаи муаллиф таъсири форсӣ ба тасаввуф, хусусан дар таълимоти роҷеъ ба пантеизм нисбат ба масеҳият пурзӯртар буд. Кишварҳое, ки аҳолии онҳо ба масеҳият эътиқод доштанд, ба итоати арабҳо даромада аз масеҳият рӯ нагардонданд, аз ин рӯ таъсири онҳо сатҳӣ ва суст буд, аммо қариб тамоми аҳолии Эрон, ҳарчанд ки баъзеҳо оини гузаштагони худро тарк накарда буданд, пас аз истилои араб исломро расман қабул карданд. Қабул кардани ислом ба онҳо имконият дод, ки дар ҷамъияти мусулмонон фаъолона ширкат варзанд, ҳол он ки масеҳиён дар канор мемонданд. Тавассути ширкати ин мардум дар ҳамин ҷамъиятхо таъсири форсӣ ба амал меомад. Қайд кардан кофист, ки урафои маъруфи форсӣ Боязиди Бастомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Абдулқодири Гелонӣ ва ғайра дар айни замон уламо ва фақеҳони ислом буданд (саҳ. 28). Ин гуна ақидаи муҳаққиқ ба ҳақиқат наздик аст.

Г. М. Каримов мулоҳизаҳои мусташриқони буржуазӣ ва теологҳои исломро аз назари таҳқиқ гузаронда менависад, ки «ҳарчанд дар осори ин муҳаққиқон доир ба таърих ва идеологияи тасаввуф маълумоти гаронбаҳо дарҷ ёфтааст, онҳо сабабҳои асосии пайдоиши тасаввуфро ошкор накардаанд, зеро ки решаҳои иҷтимоӣ ва моҳияти синфии дин ва ҷараёнҳои ба он марбутро эзоҳ дода наметавонистанд» (саҳ. 29).

Баъди ин суханони Г. М. Каримов хонанда умедвор мешавад, ки ҳалли ин масъалаҳоро дар китоби ӯ хоҳад дарьёфт. Аммо бар хилофи чашмдошт дар асари Каримов доир ба табиати иҷтимоии тасаввуф маълумоти мукаммал оварда нашудааст. Зимнан қайд бояд кард, ки маълумоти дар асар дарҷёфта низ нав нест ва он аз ҳудуди ахборе, ки доир ба ин масъала дар фаслҳои ба тасаввуф бахшидашудаи китобҳои таърих ва таърихи адабиёт, инчунин қомусҳо ва фарҳангҳои тафсирии фалсафӣ дода мешаванд, берун намебарояд. Ҳол он ки муаллиф мебоист аз тадқиқотҳои пурарзиши профессор Е. Э. Бертельс, ки дар онҳо табиати иҷтимоии маслаки тасаввуф бо далелҳои фаровон шарҳ ёфтаанд, истифода мебурд. Таажҷубовар аст, ки Г. М. Каримов дар рисолааш роҷеъ ба таҳқиқоти Е. Э. Бертельс ва осори дигар исломшиносони советӣ, монанди И. П. Петрушевский, ки гиреҳи бисьёр муаммоҳоро кушудаанд, изҳори ақида намекунад.

Маълум аст, ки инкишофу таҳаввули тасаввуф вобаста ба ҷараёни ҳаёти иҷтимоию сиёсии мамлакатҳои тасаррфи ислом сурат гирифта, дар даврахои гуногун бо таъсири омилҳои мухталиф на танҳо шаклан, балки мазмунан тағьир ёфтааст. Аз ин рӯ ҳангоми баёни таърихи тасаввуф ба давраҳо ҷудо кардани он ҳатмист. Аммо мутаассифона Г. М. Каримов ин тарафи масъаларо ба эътибор нагирифта аст.

Муҳаққиқ дар фаслҳои ҷудогонаи рисолааш дар асоси таҳқиқи конкретии моҳияти принципҳои асосии ахлоқу одоби сӯфия хулоса мебарорад, ки зӯҳд, фақр, сабр, таслиму ризо ва таваккал барин нуктаҳои ахлоқи тасаввуф ба таълимоти ислом мувофиқ омада, маҳз ба ҳамин сабаб истисморгарон онҳоро

барои пойдор гардондани мавқеи синфии худ истифода бурдаанд.

Лекин назарияи сӯфиён роҷеъ ба ваҳдати вуҷуд, фано ва аҳкоми маъмули динӣ, аз рӯи ақидаи муаллифи рисола, ба таълимоти исломи расмӣ мувофиқ намеомад. Аҳли тасаввуф исломро аз динҳои дигар бартар намешумурданд ва намоз хондану рӯза доштану ҳаҷ рафтанро барои маърифати илоҳӣ зарур намедонистанд. Ва ин зуҳуроти куфру илҳод ба дин буд. Ба ин қайдҳои Г. М. Қаримов илова мекунем, ки барои ислом бештар таълимоти иҷтимоии тасаввуф, ки зулму истисмор ва нобаробарии табақавиро раво намедид, хатарнок менамуд.

Зимнан муаллиф бояд таъкид мекард, ки ислом маҳз бо таълимоти тасаввуфи ирфонии ошиқона ихтилоф дошт, аммо тасаввуфи эътидолии обидона то ислоҳоти Ғаззолӣ ҳам моҳиятан бо дин зид набуд. То замони Ғаззолӣ вай фақат ба таври расмӣ ба системаи эътиқоди ислом надаромада буд. Ин вазифаро Ғаззолӣ анҷом дод. Аммо баъди аз тарафи Ғаззолӣ ба расмият даровarда шудани тасаввуф ҳам тамоили ба дини ислом зидди тасаввуфи ирфонӣ на танҳо аз байн нарафт, балки, баръакс қувват гирифт. Барои исбот тасаввуфи Ҷалолиддини Румӣ ва Маҳмуди Шабустариро далел овардан басанда аст.

Г. М. Қаримов дар фасли аввали боби дуюми рисолааш баҳси Ғаззолиро бо файласуфон роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои фалсафӣ (азалияту абадияти олам, қадимии замону ҳаракат, таносуби офаридгору олам, сабабият ва ҳоказо) таҳлил карда, дар ҳалли онҳо дар мавқеи дину идеализм истодани мутафаккирро хеле хуб ва боварибахш нишон медиҳад. Вале мо диққати хонандагонро ба як масъалаи баҳсталаби тадқиқоти Г. М. Қаримов ҷалб карданием, ки он иборат аст аз муносибати Ғаззолӣ ба илм.

Г. М. Қаримов ақида дорад, ки Ал-Ғаззолӣ ба илмҳои гуногун бо диққати махсус нигаристааст. Вай аҳамияти он илмҳоро рад накардааст. Аммо мегӯяд ӯ Э. Реннан ва Г. Лей барин шарқшиносони Ғарб тасдиқ мекунанд, ки Ал-Ғаззолӣ илмро паст зада, ба муқобили ҳама гуна пешрафти маънавӣ ва ҷамъиятӣ муборизаи шадид мебурд. Ба ақидаҳои Ал-Ғаззолӣ чунин баҳо додан ба ҳақиқат рост намеояд.

Ал-Ғаззолӣ файласуфҳоро танҳо аз рӯи он масъалаҳо танқид кардааст, ки ба дин ва аркони дин дахле доштаанд. Ба риёзиёт, мантиқ, табииёт ва тиб бошад, ӯ баҳои баланд додааст. Вай тасдиқ мекард, ки инсоният бе ин илмҳо рӯз гузаронида наметавонад. Ӯ ин илмҳоро муттаҳид ва аз дин ҷудо карда навишта буд: «Саодати аслӣ дар дунё ва охират илм аст». Ғаззолӣ ҳомии ғайратманди дин бошад ҳам, даъво накардааст, ки диндор бояд тарки илм кунад. Вай дӯстони ҷоҳили исломро, ки динро тавассути инкори илм пурқувват карданӣ буданд, сахт танқид кардааст.

Ба аксар нуктаҳои ин фикри Г. М. Каримов розӣ шудан душвор аст. А[з] ҷумла, тасдиқоти ӯ дар хусуси он, к[и] Ғаззолӣ ба илмҳои фалсафӣ диққат[и] махсус додааст, чандон саҳеҳ нест. Зе[ро] мутафаккир чи навъе, ки аз осора[ш] пайдост, на ба илмҳои фалсафӣ (б[а] маънии асримиёнагии ин истилоҳ), ба[л]ки ба «илмҳои» динӣ бештар диққа[т] дода, онҳоро аз илмҳои фалсафӣ аф[]залтару бартар медонист. Таснифо[ти] илмҳо, ки дар осори ӯ дарҷ шудаас[т], ба ҳамин далолат мекунад. Аз рӯи [ин] таснифот «илмҳои» дараҷаи аввал қур[]он, сунна, тафсир ва фиқҳ мебошан[д]. Илмҳои дигар, чун илми луғат, нах[в], махориҷ-ул-хуруф, тиб, мантиқ, риёзи[] ва таърих хидматкори илмҳои ди[нӣ] шумурда мешаванд.

Дурустии ин фикрро чунин ақид[аи] мутафаккир низ тасдиқ мекунад, [ки] гуфтааст: «ҳамоно ки шунида бошӣ [аз] сӯфиён, ки гӯянд: «Илм ҳиҷоб аст [ба] ин роҳ (аз роҳи худо ва охират — Н. Қ., М. Д.,) ва инкор карда бош[ӣ]. Ин суханро инкор макун, ки ин х[] аст, чӣ махсусот ва ҳар илм, ки [дар] роҳи махсусот ҳосил шавад, чун б[а] он машғул ва мустағрақ бошӣ, аз [] (яъне аз худо ва охират) маҳҷуб [бо]шӣ», Кимиёи саодат. Теҳрон, 1319 саҳ. 30).

Чи тавре ки дар «Кимиёи саода[т]» омадааст, Ғаззолӣ ба қатори илмҳое, [ки] аз роҳи махсусот ҳосил мешаванд, и[лм]ҳои фалсафӣ (яъне мантиқ табиат

илоҳиёт ё илми мобаъдут табиа)-ро дохил мекард. Чун ин илмҳо, ба ақидаи ӯ, ҳиҷоби роҳи ҳақиқатанд, ӯ пеш аз ҳама хондани илмҳои диниро воҷибу зарур медонист, то ки ин ҳиҷоб бардошта шавад. Ғаззолӣ дар ҳимояи «дини соф» баъзан ба ҷое мерасад, ки хилофи мазҳаб калом, фиқҳ ва қисасу томот барин илмҳои динии замонашро рад мекард ва ба ҷуз қуръону сунна чизи дигареро эътироф кардан намехост. Ба ҳамин мазмун ӯ дар «Қимиёи саодат» навишта буд, ки «он илм китобу суннат ва асрори роҳи охират ва ҳақоиқи шариат бувад, ки эшонро бозроҳи охират ва бозроҳи худой барад... Аммо ин илмҳо, ки дар ин рӯзгор мехонанд, чун хилофи мазҳабу калом ва қисасу томот ва ин муаллимон, ки дар рӯзгоранд, ки аз илмҳои хеш доми дунъё сохтаанд, мухолифат бо эшон ва таҳсили илм аз эшон мардумро аз роҳи дунъё бинагардонад. (Чопи номбурда, саҳ. 128).

Ба фикри Г. М. Қаримов Ғаззолӣ ба риёзиёт, мантиқ, табиийт ва тиб маҳз барои он баҳои баланд дода будааст, ки ба ақидаи мутафаккир, гӯё инсоният бе ин илмҳо рӯз гузаронида наметавониста бошад. Муаллиф барои исботи ин даъвояш ба саҳифаҳои 223, 225, 227 тарҷимаи русии «Ал-мунқиз мин-аз Зулол» истинод медиҳад. Вале мутаассифона на дар ин ва на дар дигар саҳифаҳои китоби мазкур чунин фикр вонахӯрд. Дар ин саҳифаҳо Ғаззолӣ риёзиёт, мантиқ, табиийт, илоҳиёт (илми мобаъд-ут-табиа), сиёсат ва ахлоқро шарҳ дода, аз як тараф, менависад, ки риёзиёт, мантиқ, табиийт илмҳои бурҳониианд ва ба дин на аз рӯи инкор ва на аз рӯи тасдиқи он муносибате надоранд. Аз тарафи дигар қайд мекунад, ки ин илмҳо, азбаски илмҳои бурҳониианд, ба бединӣ боис мешаванд. «Бинобар ин касонеро, ки ба ин илмҳо шуғл доранд, лаҷом задан зарур аст» (Газзоли. «Избавляющий от заблуждения». Приложение к книге С. Н. Григорян. Из истории философии Средней Азии и Ирана», Москва, 1960, саҳ. 224).

Ба фикри мо, вақте Г. Лей тасдиқ мекунад, ки Ғаззолӣ қимати илмҳои ақлиро паст мезанад, ӯ ҳақ аст, зеро Ғаззолӣ дар «Ал-Мунқиз» қайд мекунад, ки ҳангоми таҳлили наздиктарин маълум мешавад, ки табиийт нисбат ба дин ниҳоди тобеият дорад. Мабдаи тамоми табиийт бояд аз чунин нуқта иборат бошад, ки табиат ба оллоҳи таоло мутеъ буда, кобили ҳаракати зотӣ нест, баръакс олати ҳалкабаргӯшест дар дасти офаридагораш» (ҳамон ҷо, саҳ. 227). Агар ба ҳамаи ин сабабиятро рад кардани Ғаззолӣ илова карда шавад, ҳақ будани нуқтаи назари Г. Лей бараъло исбот хоҳад шуд.

Назари Ғаззолӣ нисбат ба дигар илмҳои фалсафии замонаш чунин аст: 1. Илоҳиёт (илми мобаъд-ут-табиа)-ро ки ба таҳлили масъалаҳои соф фалсафӣ машғул буд, мутлақо рад мекард, зеро ба ақидаи ӯ аксарияти гумроҳиҳои файласуфон аз он сар мезанад. 2. Илми сиёсат ва ахлоқро аз гуфтаҳои пайғамбар иборат дониста, онро ба дин мутеъ месозад. Агар ҳамаи ин лаҳзаҳоро ба эътибор гирем, дар хусуси ба илмҳои фалсафӣ баҳои баланд додани Ғаззолӣ ҷои сухан намемонад.

Ба ҳамин тариқ осори Ғаззолӣ нишон медиҳад, ки вай ба илмҳои фалсафӣ на баҳои баланд додааст, балки кӯшидааст, мазмуну мундариҷаашонро заиф карда, онҳоро ба дин ё мутеъ созад (риёзиёт, мантиқ, табиийт, илми сиёсат ва ахлоқ), ё мутлақо рад кунад (илми мобаъд-ут-табиа). Илмҳои фалсафиро (ба ҷуз илми мобаъд-ут-табиа) рад кардани Ғаззолӣ далели он нест, ки вай тарафдори онҳо буд. Азбаски дар асрҳои IX—XII илмҳои ақлӣ инкишоф ёфта нуфузи зиёд пайдо карда буданд, Ғаззолӣ ҷуръат накардааст, ки онҳоро рӯирост инкор кунад. Ба ақидаи ӯ дар ин замон мутлақо рад кардани ин илмҳо боиси нафрат ба ислом мешуд. Ғаззолӣ менависад, ки баъзе уламои ислом динро бо инкори ҳама гуна илм тақвият доданианд. Ба ин тарика, онҳо ҳам илмҳои риёзиёнро рад карда, даъво мекарданд, ки мутаохирин (яъне риёзиён) аз риёзиён чизе намедонанд. Онҳо ба ҷое расидаанд, ки гуфтори риёзиёнро дар хусуси хусуфу кусуф инкор мекарданд ва ғайри қонун медонистанд. Чун ин гуфторҳо ба гӯши касоне мерасиданд, ки ин ҳаводисро дар асоси далелҳои раднопазир донистаанд, онҳо ба бароҳини хеш шакк наоварда

мутмаин мешуданд, ки ислом ба ҷаҳолат ва инкори далелҳои раднопазир асос ёфтааст. Аз ин сабаб таваҷҷӯҳашон ба фалосифа боз ҳам зиёдтар шуда ба ислом нафрат пайдо мекунанд (ҳамон ҷо, саҳ. 225). Ин баёноти Ғаззолӣ калидест, ки муносибати ӯро ба илмҳои фалсафии замонаш мекушояд.

Дуруст аст, ки Ғаззолӣ илмро саодати аслии ин дунё ва охират медонад. Вале ақидаи муҳаққиқ Г. М. Каримов дар хусуси он ки гӯё Ғаззолӣ илмҳои фалсафиро саодати аслии ин дунё ва охират медониста бошад, ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро Ғаззолӣ чӣ дар «Эҳьё-ул-улум-ад-дин» ва чӣ дар «Кимиёи саодат» борҳо қайд мекунад, ки «Саодати одамӣ дар маърифати худои таъоло аст» (Кимиёи саодат, саҳ. 33) ва «мутобиат ба шариат роҳи саодат аст» (ҳамон ҷо, саҳ. 58—59). Пас ба ақидаи Ғаззолӣ асоси саодат шариат ва илмҳои шаръианд, на илмҳои фалсафӣ. Сабаби ҳамаи саҳвҳои зикршуда, ба фикри мо, он аст, ки маънии мафҳуми илм, таҳаввул ва тағьири мазмуни он дар таърихи фалсафа таҳлил нашудааст.

Ва мо ҳам дар хотима қайд мекунем, ки Г. М. Каримов тадқиқи ҳамаи ҷиҳатҳои ҷаҳонбинии Ғаззолиро ба ӯҳда нагирифтааст. Скептицизму агностицизм ва назариёти ахлоқию иҷтимоии мутафаккир мунтазири омӯхтан аст. Хусусан, афкори иҷтимоии Ғаззолӣ сазовори тадқиқ мебошад, зеро мутафаккир маҳз дар ҳамин қисмати таълимоташ фикрҳои зиёди ҷолиби диққат баён кардааст.

Мӯсо ДИНОРШОЕВ,
Нозир ҚУЛМАТОВ.